«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С.__________
«11» ____09________соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи диссертатсионии Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

## 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Рисолаи диссертатсионии Исматуллои Шерхон аз рӯйи мавзуи таҳқиқшуда, муҳтавои асосӣ, мазмун, унсурҳои навгонӣ ва муқаррароти назариявию амалии ба даст овардашуда ба бандҳои зерини ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ва шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд: 2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 29. Таъмини сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ ҷузъи таркибии соҳаи хизмат маҳсуб ёфта, яке аз соҳаҳои асосии фаъолияти иқтисодии одамон ба шумор меравад, ки бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ғанигардонии буҷети давлатию маҳаллӣ, баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, инчунин, таъмиру таҷдиди молу маҳсулоти такроран истифодашавандаи аҳолӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Айни замон, дар робита бо баландшавии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва норасогии вақти холии одамони машғули кор буда, зарурат, муҳиммият ва мубрамияти хизматрасониҳои маишӣ афзоиш ёфта истодааст. Барои ҳамин, аз нигоҳи илмию таҳқиқотӣ асоснок мегардад, ки такмили механизми хизматрасонии маишӣ муҳиммияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта, натанҳо ҳамчун соҳаи сердаромаду шуғлнокии зиёд доништа мешавад, балки бо масъалаҳои баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Бо мақсади баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон, тағйирёбии сохтори истеъмолии аҳолӣ ҳамасола Ҳукумати мамлакат заминаҳои институтсионалӣ ва ташкилии рушди соҳаи хизматрасониҳои маишии мамлакатро таъмину такмил дода истодааст.

Дар марҳилаҳои гуногуни рушди соҳаи мазкур давлат бештар ба масъалаҳои қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои маиширо ҳамчун нишондиҳандаи асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ҳангоми трансформатсияи шаклҳои хизматрасониҳои маишӣ ва муносибатҳои моликиятдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳа ба мушкилоти ташкилӣ-иқтисодӣ дучор гардида, ҷанбаҳои таҳияи механизмҳои нави бозорӣ ҷиҳати саривақт такмил додани механизмҳои тиҷоратии соҳа муҳиммияти хоса пайдо намуданд. Бахусус дар рушди соҳаи мазкур муносибатҳои тиҷоратӣ ва фаъолгардонии бахши хусусӣ замина гузошта, механизми рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ давра ба давра ба шароитҳои бозорӣ мутобиқ гардид. Дар баробари ин, рушди хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт маҷрои нави рушди иқтисодии мамлакатро тавассути баландбардории самаранокии иқтисодии субъектҳои хизматрасон, дастрасии хизматҳои маишӣ бо назардошти васеъгардонии шумораи истифодабарандагон, таъсиси шаклҳои муосири бизнес ва мусоидат намудан ба коҳишдиҳии ҳаҷми хароҷоти трансаксионӣ дар асоси автоматикунонӣ ва таъсиси платформаҳои рақамӣ таъмин намуда истодааст.

Такмили механизми хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ талаботи муосирро ҷиҳати мутобиқгардонии талаботи аҳолӣ ба шаклҳои нави хизматрасониҳои рақамӣ ба монанди (ба қайдгирии он-лайн, замимаҳои мобилӣ), татбиқи хизматрасониҳои маишии рақамӣ (таъмири гаджетҳо, безараргардони муҳити атроф, хизматҳои ободонии хонаҳо), инчунин, баландбардории сифати хизматрасониҳоро тақозо менамояд. Дар баробари ин, самти муҳимми рушди хизматрасониҳои маишӣ васеъгардонии доираи хизматрасонӣ, ҳам хизматрасониҳои маишии анъанавӣ (духтану шустушӯйи либос, таъмири пояфзол, сартарошӣ) ва

ҳам хизматрасониҳои нави аҳаммияти баландбардории бароҳатии истеъмолкунандагон бо назардошти рақамикунонии иқтисодиёт зарур гардида истодааст.

Ҳамаи ин масъалаҳо собит менамоянд, ки ҷиҳати такмили саривақтӣ ва босамари хизматҳои маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат корҳои илмию таҳқиқотии анҷом додашуда нокифоя буда, мубрамият ва аҳаммияти илмию амалии мавзуи таҳқиқотиро асоснок менамояд.

## 3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодаи хизматрасонии маишӣ ба даст оварда шавад. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар соҳаи хизматрасонии маишӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: усулҳои иқтисодӣ, оморӣ ва пурсишҳои иҷтимоӣ. Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври самаранок бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

## 4. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда)

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири унсурҳое мебошанд, ки натиҷаҳои мушахассу асосноккардашуда ва дастовардҳои илмии муҳимми довталаби дараҷаи илмӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, ҳамчун навгонии илмии кори диссертатсионии тақризшаванда, ки дар маҷмуъ ба баланд бардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизматрасониҳои маишӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ равона гардидааст, дар шакли зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- Муҳаққиқ асосҳои иқтисодӣ-ташкилии фаъолият ва рушди соҳаи хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар сохтори иқтисоди бозорӣ дар марҳилаҳои муосир вусъат дода, хусусиятҳо ва мушкилоти тараққиёти бозори хизматрасонии маиширо бо равиши мантиқии пайдарҳамии илмӣ муайян намуда, паҳлуҳои муфиди таҷрибаи хориҷӣ, мутобиқсозӣ ва

истифодаи онҳоро ҳангоми таъмини хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, асоснок намудааст;

- Аз тарафи муаллиф, дар асоси методҳои муосири илмӣ, вазъи муосири бозори соҳа таҳлилу натиҷагирӣ карда шуда, тамоюлҳои тараққиёти бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ вобаста ба тағйирёбии шаклҳои инноватсионии пешниҳоди хизматҳои маишӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон, ҷиҳати рушди механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва беҳтаргардонии сифати онҳо, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, техникӣ, технологӣ, ҳудудӣ, омилҳои вақт, тағйироти мунтаззами муҳити рақобатнокӣ ва фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозори хизматрасонии маишӣ таҳқиқу таҳлил карда шуда, аҳаммияти таъсиррасониҳои онҳо муайян карда шудааст;

- Омилҳои гуногун, ки ба талаботи аҳолӣ сатҳи хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ бо мақсади таҳқиқ ва ошкорсозии онҳо методи озмоишии эмпирикӣ гузаронида шуда, тавассути пурсиши иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ чораҳои зарурии бартарафсозии онҳоро таҳия карда шудааст;

- Муаллифи рисола амсилаи иқтисодӣ-математикӣ таҳия намуда, барои таҳлили таъсири рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ механизми нави хизматрасониҳои маиширо ба аҳолӣ пешниҳод кардааст;

- Бо мақсади беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои маишӣ ва самаранокии идоракунии онҳо дар сатҳи маҳаллӣ аз тарафи муаллиф механизми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ такмил дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки ҳадафи асосии ташкили ҷойгоҳҳои дурусти корхонаҳои хизматрасонии маишӣ, тақвияти нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва интиқоли функсияҳои идоракунӣ ба сатҳи маҳаллӣ мебошад, ҳамзамон, барои дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд, бахусус дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ дар шаҳру вилоятҳо равона гардидааст;

- Самтҳои асосии такмилёбии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ бо дарназардошти хусусиятҳои рушди соҳаи хизмати маишӣ дар раванди татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 1 декабри соли 2016, №636, аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои илмие, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст овардааст, ҷиҳати таъмини механизми идоракунии рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар заминаи сохти механизми комилан мувофиқ ва асосноки иқтисодӣ иборат аст, ки метавонанд ба ташаккулёбии асосҳои илмии рушди ба мизоҷон нигаронидашудаи истеҳсолкунандагони хизмат нисбат ба ташкилотҳои хизматрасонии маишии ватанӣ мусоидат намояд. Инчунин, ҷиҳати муносибгардонии маҷмуи қарорҳои системавӣ, ки барои таъмин намудани аҳолӣ бо хизмати босифати маишӣ нигаронида шудаанд, метавонанд имкониятҳои нави такмилдиҳии механизми хизматрасониҳои соҳаро фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоти амалӣ, ки дар раванди таҳқиқот довталаби дараҷаи илмӣ ба даст овардааст, метавонанд баландбардории сатҳи самаранокӣ ва сифати қарорҳои идоракунии роҳбарони ташкилотҳои маишӣ ва мақомоти танзимкунандаро беҳтар гардонанд. Татбиқи механизми таҳия намудаи муаллиф ва пешниҳодоти асоснокгардидаи ӯ ҷиҳати қонеъгардонии талаботи гурӯҳҳои гуногун-мизоҷон, давлат, истеҳсолкунандагон ва кормандони соҳаи маишӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ба манфиат хоҳад буд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои ба дастовардашудаи муаллиф, метавонанд барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии татбиқи механизми хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминагузор бошанд. Дар баробари ин, хулосаҳои асосноккардашудаи муаллифи диссертатсия метавонанд дар раванди таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз фанҳои таълимии «Идораи давлатӣ», «Идораи давлатӣ ва иқтисодиёт», «Идораи ҳайати кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ», «Иқтисодиёти бизнеси электронӣ», «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт», «Иқтисодиёти рақамӣ» ва «Тиҷорати электронӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

## 6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиши дақиқ, асосноккуниҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ, коркарди амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ, истифодаи усулҳои таҳлили омилӣ ва PEST-таҳлил, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ-оморӣ, муайянкунии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа дида

мешавад. Дар баробари ин, дар асоси натиҷаҳои амсилаҳои иқтисодӣ-математикии такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, нишондиҳандаҳои асосии бозори хизматрасонии маишӣ бевосита аз тарафи худи муаллиф пешгӯӣ карда шуда, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо бо сабки инфиродии таҳқиқотӣ аз тарафи худи муаллиф муайян карда шудааст.

Инчунин, саҳми намоёни довталаби дараҷаи илмӣ дар муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот бо иштироки воқеӣ дар чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда низ ифода ёфтааст.

## 7. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Дар муқаддима (саҳ.4-19) мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сатҳи илмии омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва методҳои таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия ва саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот ифода шудаанд.

Дар боби аввал **«Асосҳои назариявӣ-методии хизматрасонии маишӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (саҳ.20-54)** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташкили хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, муайянсозии хусусиятҳои хоси хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва мушкилоти он бо такя ба арзёбии таҷрибаи хориҷии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳқиқ гардидаанд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавзуи таҳқиқотро дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои гунонуни иқтисодӣ баррасӣ намуда, вобаста ба асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, нуқтаи назари илмии худро оид ба мафҳуми хизматрасониҳои маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳия ва пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, асоснок намудааст, ки хизмати маишӣ маҷмуи намудҳои мақсадноки фаъолиятест, ки мақсади вазифавии низоми истеъмолии шахсии он дар таъмин ва фурӯши хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ ифода гардида, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, моддӣ, интеллектуалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар эҳтиёҷотро қонеъ мегардонанд (саҳ. 20-23). Воқеан, чунин мафҳумгузорӣ ҷолибияти назариявӣ ва методии такмили механизми хизматрасониҳои маиширо дар шароити имрӯза ба пуррагӣ тавзеҳу маънидод карда метавонад.

Тавассути равишҳои таҳқиқоти илмӣ, муаллифи рисолаи диссертатсия хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои маиширо ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт вобаста ба аҳаммияти таъиноташон

мантиқан дуруст ҷудо намуда, гурӯҳҳои субъектони хоҷагидориро дар соҳаи хизматрасонии маишӣ, ҷиҳати васеъгардони тасаввуроти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқотӣ дуруст ва бомаврид гурӯҳбандӣ намудааст (расми 1.2.1. саҳ.33). Дар натиҷаи ин асоснок намудааст, ки бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Ҳар як бозор бо сатҳҳои мухталифи талабот ва пешниҳодҳо сурат мегирад, ки дар ҳолати бозори хизматрасониҳои маишӣ ин хосиятҳо шиддат ёфтаанд. Равишҳои инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва маркетинг метавонад бо таҳия ва истифодаи усулҳои нав дар тарҳрезии хизматрасонӣ, таблиғот ва дигар ҷанбаҳои фаъолият ба ин бозор кумак расонад (саҳ.36-37).

Қайд намудан бомаврид аст, ки дар ҳамагуна моделҳои рушди бозори хизматҳои маишӣ ҷузъиёти мувофиқи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар ин асос, муаллиф таҷрибаи хориҷии хизматрасонии маиширо ба ҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳқиқот қарор додааст (саҳ.43-54). Ҷиҳати татбиқи баъзе паҳлӯҳои муфиди моделҳои хориҷии рушди соҳаи хизматрасонии маиширо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуда, вобаста ба мавҷудияти камбудиҳои системавӣ, маҳдудиятҳои технологӣ, норасоии заминаҳои ташкилӣ ва мушкилоти молиявӣ, ки монеаи рушди устувори ин соҳа мегарданд, рафъи саривақтии мушкилоти ҷойдошта, андешидани тадбирҳои мушаххаси ислоҳотӣ ва такмили инфрасохториро зарур донистааст (саҳ. 51-53).

Дар боби дуюми диссертатсия **«Баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ.55-104) баррасӣ гардида, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо дарназардошти омилҳои ба он таъсиррасон ва сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар ин қисмати таҳқиқоти худ, ҷиҳати баҳодиҳии иқтисодии вазъ ва ҳолати муосири хизматрасониҳои маишии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, бо сабки инфиродӣ ва истифода аз методҳои маъмули таҳлилӣ натиҷагирӣ намудааст. Аз ҷумла, ҳаҷми иҷрои хизматҳои маиширо дар сатҳи минтақавӣ таҳлилу таҳқиқ намуда, дар асоси натиҷагирии қиёсӣ тамоюлҳои рушди хизматҳои маиширо дар ҷумҳурӣ муайян намудааст (саҳ.63-68). Ҷолибияти дигари истифодаи натиҷаҳои таҳлили муаллиф дар тиҷоратикунонии хизматҳои маишӣ мушоҳида мегардад, ки механизми рушди соҳаро дар ҳамкориҳои соҳибкорони бахши хизматрасониҳои маишӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва макотиби илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия, асоснок ва пешниҳод намудааст, Албатта, чунин механизм дар шароити

имрӯзаи рушди бозори хизматҳои маишӣ муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Мусаллам аст, ки дар масъалаҳои таҳия ва татбиқи самараноки механизми хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баҳисобгирӣ, баназаргирӣ ва тавсифу таҳқиқи онҳо мавқеи калидӣ дорад. Бо ҳамин сабаб, довталаби дараҷаи илмӣ дар зербоби 2.2. рисолаи диссертатсионӣ омилҳои хизматрасониҳои маиширо таҳлил намуда, вобаста ба дастрасӣ ва хусусиятҳои соҳавӣ ҳамаи омилҳои мавҷударо гурӯҳбандӣ намуда, тавсифи мавсимӣ ва сатҳи таъсиррасониҳои онҳоро ошкор намудааст (саҳ.70-79). Ҳамзамон, ҷиҳати арзёби иқтисодӣ механизми хизматрасонии маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, муаллиф методи таҳқиқотии инфиродиро истифода намуда, тавассути PEST-таҳлил омилҳои муҳити берунаро ба монанди омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва технологиро таҳқиқ намуда, сатҳи таъсиррасониҳои онҳоро ба рушди соҳа муайян намудааст (ҷадвали 2.2.5, саҳ. 80).

Ба муаллиф муяссар гардидаст, ки дар асоси натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда сатҳи сифатнокии хизматрасониҳои маиширо барои аҳолӣ дар шароити рақамикунони иқтисодиёт баҳодиҳӣ намояд. Бахусус, дар асоси амсилаи таҳия намуда, тавонистааст, ки модели универсалии шабакавиро барои ташкили низоми меъёрии идоракунии сифат дар муҳити бисёрхизматрасонӣ таҳия намояд (саҳ.99). Инчунин, асоснок намудааст, ки шакли афзалиятноки ташкили низоми хизматрасониҳои маишӣ, модели бисёрхизматрасонии маишӣ ба шумор меравад. Албатта, ба назари мо чунин модел барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид мебошад, зеро шаҳрҳо ва маҳалҳои деҳоти кишвар нисбатан дар масофаи наздик ҷойгир шудааст ва ин шароит метавонад ба соҳибкороне, ки ба хизматҳои маишӣ машғуланд, имтиёз ва ҳавасмандиҳои иловагиро таъмин намояд.

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ **«Роҳҳои такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ»** (саҳ.105-146) номгузорӣ шуда, масъалаи вобаста ба танзим ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, самтҳои такмилдиҳии он ва имконияти истифода амсилаи иқтисодӣ–математикии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобаста ба рушди соҳаи мазкур таҳқиқ гардидааст.

Давлат дар таҳия, татбиқ ва мониторинги механизми хизматрасониҳои маишӣ ҳамчун субъекти асосӣ баромад намуда, дар асоси тағйиротҳои бозорӣ, омилҳои гуногунтаъсир ва дигаргуншавии сохтори истеъмолии аҳолӣ заминаҳои инстутсионалии рушди соҳаро таъмин намояд. Дар ҳошияи ин, муаллифи рисолаи диссертатсионӣ

масъалаи танзими давлатии хизматрасониҳои маиширо ба аҳолӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳияи механизмҳои давлатии молиявӣ ва ҳавасмандиҳои рушди хизматҳои маишӣ таҳқиқ намуда, бомаврид қайд намудааст, ки гузариш ба амсилаи инноватсионӣ, ки ҳамчун як раванд барои пешрафт ва навовариҳои дар иқтисодиёти миллӣ муқаррар шудааст, талаб мекунад, ки масъалаи танзими давлатии соҳаи хизматрасони маишӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва иқтисодии шаҳру вилоятҳо ва ноҳияҳо ба эътибор гирифта шавад (саҳ.107). Тавассути равиши методӣ ва таҳқиқоти инфиродӣ, муаллиф таъсиси ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ассотсиатсияҳои хизматҳои маиширо бо назардошти такмилу таҷдиди объектҳои инфрасохтории соҳа роҳандозӣ намуда, ҷиҳати баландбардории сифати хизматрасонӣ, ҳамзамон, таъмини рақобати одилона як қатор чорабиниҳои зарурӣро пешниҳод намудааст (саҳ.123-126).

Муаллиф дар рисола масъалаҳои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои маиширо мавриди таҳқиқ қарор дода, бо назардошти таҳияи механизми нархӣ, баландбардории даромади пулии аҳолӣ, инчунин, таъмини сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар, амсилаи иқтисодӣ-математикиро таҳия намуда, дар асоси натиҷаҳои ба даст овардашуда, механизми баҳисобгирии арзиши хизматрасониҳои соҳаро асоснок намудааст (саҳ.137-138). Инчунин, исбот намудааст, ки механизми пешниҳодгардида барои баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, бахусус аҳолии деҳот мусоидат намуда, бо ин васила механизми хизматрасонии маишӣ давра ба давра такмил меёбад.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои хусусияти амалидошта оид такмили механизми хизматрасонии маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод шудаанд.

### 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рисолаи диссертатсионии Исматуллои Шерхон бо риояи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493) ба расмият даровapда шуда, меъёрҳое, ки барои додани дараҷаи илмӣ дар Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ҷавобгӯй мебошад.

### 9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, муаррифии зарурии натиҷаҳои таҳқиқот, шумораи мақолаҳои илмӣ ва сатҳу сифати кори иҷрошуда нишон медиҳанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ ба Талаботи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

### 10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия

Матни автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро пурра инъикос намуда, асоснокӣ, муҳиммият, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда дар ҳаҷми 27,2 ҷ.ч. (11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола мувофиқ мебошанд.

### 11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи дессертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф дар боби якуми рисолаи диссертатсионӣ асосҳои назариявӣ-методии хизматрасониҳои маиширо дар шароити рақамикунонии иқтисодӣ дақиқ таҳқиқ намуда, дар асоси нуқтаҳои назари муҳаққиони ватаниву хориҷӣ, мафҳуми илмӣ ва назариявии хизмати маиширо таҳия ва пешниҳод кардааст. Бо мақсади, татбиқи ақидаи назариявӣ, хуб мебуд, агар муаллифи диссертатсия дар баробари назарияи пешниҳод карда, методологияи татбиқи онро дақиқ ва мушаххас пешниҳод менамуд;

2. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои маишӣ таҳқиқ гардидааст. Аммо, ба назари мо дар муҳтавои асосии рисола, мавқеъ ва шароитҳои пешниҳоди хизматҳои маишӣ, самти таъиноти хизматрасонии маишӣ, механизмҳои нархгузорӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, тафриқаи ҳаҷми дастрасӣ ва пешниҳоди хизматҳои маишӣ байни аҳолии шаҳрҳо ва

маҳалҳои деҳоти ҷумҳурӣ аз нуқтаи назар дур монадааст. Сифати кори таҳқиқотии анҷомдодашударо гурӯҳбандии комплексии хизматрасониҳои маишӣ дар раванди траснформатсияи рақамӣ метавонист баланд бардорад;

3. Довталаби дараҷаи илмӣ дар боби дуюми рисола кӯшиш намудааст, ки тавассути таҳлили вазъи ҳозира ва муайянсозии омилҳои асосӣ раванди хизтмарасониҳои маишии мамлкатро баҳогузорӣ намояд. Мақсади баҳогузории иқтисодии хизматрасонии маишӣ, ки аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, возеҳ равшан нест. Ҳаҷм, теъдод, инчунин, истифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии истифодагардида барои баҳодиҳии ҳолати такмилдиҳии хизматрасониҳои маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт басанда нест. Аҳаммияти илмӣ ва таҳқиқотии рисолаи диссертатсионӣ зиёдтар мегардид, агар муаллиф сатҳи алоқамандиву вобастагии (коррелятсия) омилҳо ё нишонидаҳандаҳои иқтисодиро дар гузаронидани такмили саривақтии хизматҳои маишӣ истифода менамуд;

4. Дар бозори хизматрасониҳои маишии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи давлат бузург аст. Мутаасифона, муаллиф, масъалаҳои такмилдиҳии механизмҳои дастгириҳои давлатии молиявӣ, ҳавасмандиҳои давлатии субъектҳои хизматрасонии маишӣ ба таври кифоявӣ таҳқиқ накардааст;

5. Амсилаи иқтисодӣ-математикии муаллиф вобаста ба нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳия гардидааст, ки моҳияти умумии татбиқи механизми хизматрасонии маиширо фарогир мебошад. Ба назари мо, барои муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ таҳия ва роҳҳои татбиқу мунтазам такмилдиҳии механизми нарзгузорӣ, таҷдиди технологӣ, навовариҳои инфрасохторӣ, инчунин, пешниҳоди шаклҳои инноватсионии хизматҳои маишӣ бо таваҷҷуҳ ба унсурҳои асосии рақамикунонии иқтисодиёт муҳим буд;

Дар маҷмуъ, эродҳои муайянгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва сифати навгонии рисолаи диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

## 12. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия ва сазовор донистани дараҷаи илмӣ

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои

хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба талаботи банди 8, 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ аз руйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки довталаб баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (Протоколи №1. аз 8 сентябри соли 2025).

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор - 7 нафар; зид - нест; бетараф нест.

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Султонбии Р.

**Ташхисгар,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадов Р.Р.

**Котиби илмии ҷаласа,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабов Қ.Қ.

Имзоҳои Султонбии Р., Р.Р Аҳмадов ва Қ.Қ. Раҷабовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17,
E-mail: tnu.tj: Тел: 221-77-11
«11» 09 соли 2025